ХУЛОСАИ

комиссияи коршиносони шурои диссертатсионии 6D.KOA-152 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Маҳмадсаидзода Шаҳноза Маҳмадсаид дар мавзуи «Амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Маҳмадсаидзода Шаҳноза Маҳмадсаид дар мавзуи «Амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор» ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: ба банди 4 – «Назария ва консепсияҳои таълим» (консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим), банди 6 – «Консепсияҳои таълим» (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълимӣ; таҳсилоти муттасил; таҳсилоти калонсолон, равандҳои инноватсионӣ дар таълим), банди 7 – «Педагогикаи амалӣ» (тағйироти низомӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла, моҳият, сохтор ва вазифаҳои он) мутобиқат мекунад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Маҳмадсаидзода Шаҳноза Маҳмадсаид дар мавзуи «Амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор» ба самтҳои зерини афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ мутобиқат мекунад:

- рушди маориф ва фарҳанги миллӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба рушди низоми миллии маориф, такмили фаъолияти хадамоти методӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон равона гардида, ҷиҳати беҳтар намудани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ замина фароҳам меорад:

- рушди илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ. Мавзуи таҳқиқот ба соҳаи илмҳои педагогӣ мансуб буда, масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгор, муносибатҳои педагогӣ ва идоракунии фаъолияти методиро оид ба салоҳиятҳои касбии омӯзгор фаро мегирад;

- рушди сармояи инсонӣ ва низоми маориф. Таҳқиқот мустақиман ба беҳтар кардани сифати таълим дар сатҳи олӣ нигаронида шудааст, ки бо ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мувофиқат мекунад. Тавассути таҳияи амсилаҳои муосири

хадамоти методӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш, маҳорат, малака ва қобилияти касбии омӯзгорон шароит фароҳам оварда мешавад;

- рушди илм ва технологияҳои инноватсионӣ. Мавзуи мавриди таҳқиқ истифодаи шаклу усулҳои инноватсионӣ, технологияҳои муосири педагогӣ ва воситаҳои рақамиро дар ташкили фаъолияти хадамоти методӣ ва рушди касбии омӯзгорон пешбинӣ менамояд.

- такмили низоми идоракунии соҳаи маориф. Таҳқиқот ба таҳияи механизмҳои нави ташкилию педагогии фаъолияти хадамоти методӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва такмили ҳамкории субъектҳои раванди таълим мусоидат мекунад. Тавассути такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгорон, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва истифодаи усулҳои муосири таълим барои беҳтар гардидани сифати дониш ва натиҷаҳои таълимии хонандагон замина фароҳам оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадсаидзода Шаҳноза Маҳмадсаид аз ҷиҳати мазмун, самти илмӣ ва аҳаммияти амалӣ ба афзалиятҳои рушди илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, пеш аз ҳама, ба соҳаи илмҳои педагогӣ ва самти маориф ва фарҳанги миллӣ алоқамандии мустақим дорад.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб, ки дар шакли 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи 2026, №591 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада бо методологияи донишҳои илмӣ, консепсияҳои ташхиси педагогӣ, бо такя ба як қатор методҳои назариявӣ ва эмперикӣ, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшуда таъмин карда шудаанд.

Натиҷаҳои илмӣ оид ба Амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор мавриди тасвибу татбиқ қарор дода шуда, натиҷаҳои мусбат додаанд ва самаранокии истифодаи онҳо собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотро, ки дар шакли хулосаву тавсия, усулҳо, тадбирҳои таъсиррасонӣ ва шаклҳои корҳои беруназдарсӣ ва роҳҳои баргузории онҳо тахия ва ироа шудаанд, ба омӯзгорон имконият фароҳам меоваранд, то бо

истифода аз онҳо рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорро такмил диҳад, муносибати эҷодкории омӯзгорро ҳангоми ҳалли ин мушкилот такомул диҳанд, ҳисси дарки омӯзгорро устувор карда, онҳоро дар раванди таълим фаъол гардонида, сатҳи касбии онҳоро баланд бардоранд.

Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи коршиносони диссертатсияи Маҳмадсаидзода Шаҳноза Маҳмадсаид тавсия медиҳад, ки:

1) Диссертатсияи Маҳмадсаидзода Шаҳноза Маҳмадсаид дар мавзуи «Амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

2) Ба сифати муқарризони расмӣ: Ҷумъа Булбул – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев» ва Аминзода Муслиҳиддин Фозилиддин – номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе», инчунин, ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» таъйин карда шаванд.

3) Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4) Барои нашр ва паҳнкунии автореферати диссертатсия тибқи муқаррарот иҷозат дода шавад.

Комиссияи коршиносони диссертатсияи Маҳмадсаидзода Шаҳноза Маҳмадсаид дар мавзуи «Амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилотро баррасӣ намуда,

қ а р о р м е к у н а д:

1. Диссертатсияи Маҳмадсаидзода Шаҳноза Маҳмадсаид дар мавзуи «Амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи коршиносон муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Ҷумъа Булбул – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев»;

- Аминзода Муслиҳиддин Фозилиддин – номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе».

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» тавсия дода шавад.

4. Розигии хаттии муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи тартиби муқарраргардида гирифта шаванд.

5. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи расмии диссертатсия дар сомонаҳои шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (то 50 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи коршиносон,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Рӯзиева Л.Т.

Аъзои комиссияи коршиносон:

доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Иззатова М.И.

доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев И.

13.11.2026

"Имзои Рӯзиева Л.Т., С. Иззатова М.И. ва И. Давлатшоевро тасдиқ мекунам"

Нозири кадр ва корғузории
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М. Саидова